*УДК 347.1*
*ББК 67.404.53*

# *МУАЙЯН НАМУДАНИ ҶОИ ИСТИҚОМАТИ КӮДАК МУТОБИҚИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО*

***Урунова Санавбар Ваҳобовна,*** *муаллимаи калони кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ОПРЕДЕЛЕНИЕ МЕСТА ЖИТЕЛЬСТВА РЕБЕНКА СОГЛАСНО СЕМЕЙНОМУ ПРАВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА*

***Урунова Санавбар Вахобовна,*** *старший преподаватель кафедры гражданского и трудововго права юридического факультета ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *DETERMINATION OF CHILD'S PLACE OF RESIDENCE IN PURSUANCE WITH FAMILY LAW OF TAJIKISTAN REPUBLIC AND EUROPEAN UNION*

***Urunova Sanavbar Vakhobovna,*** *senior lecturer of the department of civil and labor law under the faculty of jurisprudence of TSUPBP (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *sano.urunova@gmail.com*

***Калидвожаҳо:*** *суд, ҳалномаи судӣ, ҷои истиқомат, кӯдак, падару модар, муоҳидаи Минск, манфиати кӯдак, қонунгузории оилавӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадории падару модарон*

*Масъалаи муайян намудани ҷои истиқомати кӯдак дар ҳолати ҷудо шудани волидон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои узви Иттиҳоди Аврупо таҳлил гардидааст. Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ба муқоисаи баъзе ҷанбаҳои масъалаи мавриди баррасӣ , муқоисаи муносибатҳои таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои узви Иттиҳоди Аврупо имконият фароҳам овард. Истилоҳҳои дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои узви Иттиҳоди Аврупо корбаст гардида мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.Дар рафти ҳалли судии масъалаи муайян намудани ҷои истиқомати кӯдак дар ҳолати ҷудо шудани волидон ба муҳиммияти ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак диққати махсус дода шудааст.*

***Ключевые слова***: *суд, судебное решение, место жительства ребенка, родители, Минская конвенция, интересы ребенка, семейное законодательство, права и обязанности родителей*

*Исследуется проблема определения места жительства ребенка при разводе согласно праву Республики Таджикистан и праву Европейского союза. Анализ юридической литературы дал возможность сравнить некоторые моменты в рассматриваемом вопросе, сравнить подходы судебной практики Республики Таджикистан и государств- членов Европейского союза. Сделана попытка раскрытия терминов, приведенных в международных договорах Республики Таджикистан и государств-членов Европейского союза. В ходе судебного решения проблемы определения места жительства ребенка из-за развода родителей акцентируется внимание на первостепенности прав и интересов ребенка.*

***Key-words:*** *court, forensic resolution, child`s place of residence, parents, Minsk Convention, child`s interests, family legislation, parents` rights and obligations*

*The article dwells on the problem of child`s place of residence after dissolution of marriage in pursuance with the law of the Republic of Tajikistan and that one of European Union. The analysis of*

*juridical literature enabled to compare the approaches of court practice in Tajikistan and those ones of the states-members of European Union. The author of the article makes an endeavor to disclose the terms adduced in international agreements between TR and EU countries. In the process of the court resolution elaboration when determining child`s place of residence because of parents` divorce attention is paid, first and foremost, to the priority of child`s rights and interests.*

Бо шарофати соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории кишвар, алалхусус қонунгузории оилавӣ дигаргуниҳои назаррас ба миён омад, ки хусусияти ҳуқуқбунёдӣ ва демократӣ доштани давлати Тоҷикистонро нишон медиҳад. Дигаргуниҳои ба миён омада натиҷаи ба имзо расонидани созишномаҳои мухталифи байналмилалӣ Тоҷикиистон дар самтҳои гуногуни ҳуқуқи инсон арзёбӣ карда мешавад.

Қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи кӯдаконро ба зиндагӣ ва тарбия ёфтан дар оила, донистани волидайни худ ва ҳамзистӣ бо онҳо муайян сохтааст [3]. Дар мавриди ба миён омадани баҳсҳои вобаста бо тарбияи фарзандон, масъалаи муайян кардани ҷои истиқомати кӯдакон дар сурати ҷудо зиндагӣ кардани волидайн ҳамчун муаммои аҳамияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дошта арзёбӣ карда мешавад. Баробари ин таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, аз кабили кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо дар масъалаи танзими ҳуқуқии муайян намудани ҷои зисти кӯдак дар мавриди ҷудо зиндагӣ намудани падару модар ба назари мо басо ҷолиб ва аҳамиятнок ҳисобида мешавад. Пас мувофиқи мақсад мешуд дар доираи мақолаи мазкур масъалаи муайян намудани ҷои истиқомати кӯдак мутобиқи ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дида баромада шавад. Чунин таносубгирӣ имконият медиҳад таҷрибаи пешрафтаи судӣ ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ омӯхта шуда, дар мавриди лозима пешниҳод барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи мақомотҳои дахдори мамлакат ба амал оварда шавад.

Дар қонунгузории аксарияти давлатҳо омадааст, ки падару модари биологӣ (хунӣ) дар тарбияи кӯдаки худ, нигоҳубин ва намояндагии манфиатҳои вай ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Маҳз падару модарон якҷоя доир ба масъалаҳои таҳсил, расондани ёрии тиббӣ, интихоби ҷои истиқомати фарзанд қарор қабул мекунанд.

Ҳам ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам ҳуқуқи Аврупоӣ падару модарро чун субъекти асосӣ, дорандаи ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ дар самти тарбия, ғамхорӣ намудан ва ба амалбарорандаи ҳимояи ҳуқуқи кӯдак эътироф менамоянд. Чунин ҳуқуқ ба падару модар бинобар доштани робитаи табии хунӣ бо кӯдаки худ муҳайё карда мешавад. Аз тарафи дигар, кӯдак вобаста ба доштани синну соли хурд, надоштани таҷрибаи кофӣ, ташаккули нокифояи ҷисмониву руҳӣ, ба таври объективӣ наметавонад манфиатҳои худро дарк намуда, ҳуқуқҳояшро амалӣ намояд. Вобаста ба ҷойдоштани робитаи табии хунӣ чунин ҳуқуқ ва инчунин ӯҳдадорӣ ба падару модарон муқаррар карда шудааст. Дар маҷмӯъ ин ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ институти муносибатҳои ҳуқуқии падару модариро ташкил медиҳад.

Ҳоло дар қонунгузории ҳамаи кишварҳо институти муносибатҳои ҳуқуқии падару модарӣ мушоҳида мегардад, лекин шакли амалигардии он ба дигаргунии назаррас дучор шудааст (масалан, мақоми падару модарӣ ба шахсе пешниҳод шудааст, ки бо кӯдак робитаи иҷтимоӣ дорад; нисбати чанд масъалаҳо маҳдудшудани «ҳокимияти волидон» мушоҳида мешавад ва ғ.). Чунин дигаргунӣ дар натиҷаи тағйир ёфтани шароити ҳаёти ҷамъиятӣ, пайдо шудани арзишҳои нави ахлоқиву маънавӣ ва зина ба зина унификатсия гардидани ҳуқуқи оилавии мамлакатҳои узви ИА дар асоси талаботи санадҳои байналмилалӣ ба миён омадааст.

Муносибатҳои ҳуқуқии падару модарӣ - маҷмӯи муносибатҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолу мулкии байни падару модар ва кӯдакон буда аз тарафи меъёрҳои қонунгузории оилавӣ ба танзим дароварда мешавад [5, с.176-180].

Барои кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо (ИА) дар ин сатм Регламенти Шӯрои ИА № 2201/2003 аз 27 ноябри соли 2003 «Дар бораи эътироф ва амали намудани қарорҳои суд оид ба парвандаҳои оилавӣ доир ба ӯҳдадории падару модарон», амал менамояд. Регламенти номбурда санаде дониста мешавад, ки нисбат ба қонунгузории кишварҳои аъзои ИА қувваи ҳуқуқии афзалият дорост [1, с. 99-108].

Омӯзиши қонунгузории кишварҳои узви ИА дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии падару модарон ва кӯдакон нишон дод, ки истилоҳи асосии ишоракунандаи маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадории волидон - ин истилоҳи «parental authority» (дар тарҷима ҳамчун масъулияти падару модарон, ӯҳдадории падару модарон, қобилияти соҳибҳуқуқии волидон, фаҳмида мешавад) ба шумор меравад. Чун қоида истилоҳи ишорашуда тамоми маҷмӯи ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти падару модар нисбати кӯдакро нишон медиҳад. Ҳуқуқи Аврупоии унификатсиягардида қобилияти соҳибҳуқуқии волидонро ҳамчун маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ баҳо дода, мақсади таъмин ва ҳимояи некуаҳволии кӯдаконро дорад.

Регламенти № 2201/2003 ИА инчунин истилоҳи «parental responsibility»-ро муайян намудааст, ки зери он тамоми ҳуқуқ ва ӯҳдадорҳои кӯдак, ки онро тибқи қонун, қарори суд ва ё созишнома шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ пайдо намудаанд, дар назар дорад. Истилоҳи ишорашуда ҳуқуқ ба истиқомати якҷоя ва тарбияи кӯдакон, инчунин ҳуқуқ ба муоширатро муайян менамояд.

Дар Регламенти ИА №2201/2003 боз дигар истилоҳҳо низ истифода шудааст: масалан, истилоҳи «holder parental responsibility» зери он шахсе фаҳмида мешавад, ки дорои ҳуқуқи падару модарӣ нисбати кӯдак баромад менамояд. Албатта ба чунин сифат пеш аз ҳама волидони кӯдак баромад менамоянд. Онҳо ҳуқуқи афзалиятнокро дар амали намудани ҳуқуқи падару модарро соҳибанд. Истилоҳи «right of access» (ҳуқуқ ба дастрасӣ бо кӯдак), яъне дар ҳолатҳои муайяншуда доштани ҳуқуқ ба муваққатан бо кӯдак, доштани имконияти тағйир додани ҷои зисти вай, ҳуқуқ ба муошират бо кӯдакро мефаҳмонад.

Истилоҳи «right of custody» (ҳуқуқ ба парастории кӯдак), яъне хуқуқ ва ӯҳдадорӣ оид ба нигоҳубин ва ғамхори кардан нисбати шахсияти кӯдак ва хусусан ҳуқуқи муайян намудани ҷои истиқомати кӯдакро мефаҳмонад.

Бояд ишора намуд, ки институти парастории дар ҳуқуқи оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда бо истилоҳи «ҳуқуқ ба парасторӣ»-и дар хуқуқи Аврупоӣ ҷой дошта мувофиқат намекунад. Он барои ҷудо намудани ҳаҷми ҳуқуқи падару модарӣ нисбати кӯдак дар мавриди ҷудошудан ва ё истиқомати ҷудогонаи волидон истифода бурда мешавад. Дар ҳуқуқи Аврупоӣ парасторӣ ба парастории муштарак (бо доштани ҳуқуқи баробари падару модар) ва парастории якка (дар ин маврид ҳаҷми ҳуқуқи яке аз волидон нисбати дигар, ки бо кӯдак якҷоя истиқомат намекунад, ҷиддан фарқ мекунад) ҷудо карда мешавад [1, с. 103].

Чун қоида волидон вазифадор нестанд, ки ваколатҳои падару модарии худро исбот намоянд ва имконияти амалӣ намудани онро ҳимоя намоянд. Лекин дар чунин ҳолат истисно низ мушоҳида мешавад: маслан, ҷои истиқомати кӯдак чои зисти волидони вай дониста мешавад ва дар мариди ҷудо шудани падару модар масъалаи муайян намудани ҷои зисти кӯдак ба вуҷуд меояд.

Вақте, ки падару модар ҷудо мешаванд, онҳо метавонанд мустақилона ва ё бо ёрии

адвокат ё шахси дигар, созишнома дар бораи муайян намудани ҷои зисти кӯдакро банданд. Лекин дар мавриди натавонистани бастани чунин созиш, баҳси мазкур ба баррасии мақомоти давлатӣ (дар аксарият давлатҳои узви ИА ва ҶТ ин мақомоти судӣ) супорида мешавад.

Масъалаи аввале, ки дар мавриди ҷой доштани шаҳрвандии гуногун байни волидони ҷудошуда истода бояд ҳалли худро ёбад, дар ҳудуди кадом кишвар баҳс оиди ба тарбияи кӣ кӯдак муайян карда мешавад, ҳал карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми муайян намудани тартиботи ҳуқуқии нисбати ҳалли масъалаи бо кӣ бояд кӯдак истиқомат кунад татбик шаванда, масъала бино ба принсипи ҳудудӣ ҳал карда мешавад. Яъне дар чунин маврид пайвасти коллизионии «кишвари истиқомати якҷоя ва дар мавриди набудани чунин – кишваре, ки кӯдак шаҳрвандии онро соҳиб аст» ба роҳбарӣ гирифта мешавад.

Ҳалли масъалаи коллизионӣ, тибқи муоҳидаи Минск дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ нисбати парвандаҳои граждан́ӣ, ҷиноятӣ ва оилавӣ аз соли 1993 ва муоҳидаи Кишинев аз соли 2002 бо интихоби ҳуқуқи моддӣ муайян карда мешавад [6, с. 104-109]. Ба сифати суди барои баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо оиди баҳси байни волидон ва фарзандон, суди мамлакате баромад менамояд, ки нисбати ҳар як ҳолати мушаххас муайян гардида аст. Иҷроиши ҳалномаҳои судӣ доир ба парвандаҳои бо тарбияи кӯдак вобаста буда, тибқи тартиботи қонунгузории мамлакате, ки дар ҳудуди он кӯдак истиқомат мекунад, муайян карда мешавад. Эътироф ва иҷроиши қарори судҳои кишварҳои хориҷии аъзои ИДМ набуда, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созишномаҳои ба таври дутарафа басташудаи ҶТ танзим карда мешавад.

Барои давлатҳои узви ИА, тавре, ки дар боло ишора намудем Регламенти 2201/2003 аҳамияти аввалиндараҷа дошта, ҳамчун воситаи назарраси ҳамоҳангсозии ҳуқуқи оилавӣ ва алалхусус муносибатҳои ҳуқуқии байни падару модар ва кӯдаки кишварҳои узви ИА дониста мешавад.

Тибқи санади номбурда ваколати суд бинобар маҳаки (критерия) «маҳалли истиқомати бештар муфид дошта» муайян карда мешавад. Маҳалли истиқомати бештар муфид дошта, ҷое фаҳмида мешавад, ки дар он дараҷаи аз ҳама баланди вобасташавии кӯдак бо муҳити иҷтимоӣ ва оилавӣ бо маҳалли алоҳида мушоҳида мешавад. Барои ба маҳаки мазкур баҳо додан ба чунин ҳолатҳо бояд таваҷҷӯҳ намуд: а) давомнокии буду боши кӯдак дар ин маҳал; б) шароити буду бош ва сабабҳое, ки аз рӯи он оила ба ҳудуди кишвари аъзои ИА кӯчида омадааст; в) шаҳрвандии кӯдак; г) ҷой ва шароити таҳсили кӯдак; д) донишҳои забонӣ; е) робитаи оилавӣ ва иҷтимоии кӯдак бо ин мамлакат [4, с. 121-124].

Ба андешаи мо маҳаки «маҳалли истиқомати бештар мудиф барои кӯдак», ки дар Регламенти 2201 / 2003 дарҷ шудааст, ба манфиати кӯдак бештар мувофиқ ва ҷавобгӯй буда, имконият медиҳад баҳсҳоро бо назардошти низоми қонунгузории мамлакате, ки бо он кӯдак бештар алоқаманд мебошад, ҳал гардад.

Дуюмин масъалае, ки бояд ба он таваҷҷӯҳ намуд - кадом маҳак (критерий) бар асоси ҳалли чунин баҳсҳо гузошта мешаванд. Дар чунин маврид мумкин аст оид ба ватанпарастӣ, нақши падару модар барои кӯдак, дар бораи эътиқоди динӣ ва миллат сухан ронем.

Тарҷимаи матни қ.1 моддаи 3 Муоҳида дар бораи ҳуқуқи кӯдак истилоҳи «манфиатҳои бештар муфиди кӯдак»-ро пешбинӣ намудааст. Манфиатҳои бештар муфиди кӯдак бояд дар мавриди ҳалли масъалаҳо ва баҳсҳои дохилии ҳуқуқи оилавӣ ба инобат гирифта шаванд. Дар бисер маврид҃о манфиати бештар муфиди кӯдак асос барои қабули қарор аз тарафи давлат

доир ба баҳсҳои ҳуқуқи оилавӣ баромад менамояд. Консепсияи таъмини «манфиатҳои бештар муфид» - и кӯдак дар як қатор шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудааст (мисол, Муоҳида дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989, Муоҳида дар бораи ҷанбаҳои граждании-ҳуқуқии дуздии байналмилалии кӯдакон аз соли 1980, Муоҳида дар бораи ҳимояи кӯдакон ва ҳамкорӣ дар соҳаи фарзандхонии байналмилалӣ аз соли 1993 ва ғ.) [1, с.105-108].

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар марҳилаи муосир яке аз принсипҳои ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалии танзими ҳуқуқии ҳимоя ҳуқуқи кӯдак – таъмини манфиатҳои бештар муфиди кӯдак дониста шуда ташаккул ёфтааст. Принсипи мазкур маънии онро дорад, ки давлат, инчунин шахсони алоҳида бояд амалҳои воқеӣ, ҳуқуқиеро танҳо бо назардошти манфиатҳои бевоситаи кӯдак андешанд.

Масъалаи сеюм дар он зоҳир мeёбад, ки принсипи таъмини манфиатҳои бештар муфиди кӯдак дар ҳуқуқи миллии шаҳрвандии падару модари кӯдак ба таври ҳархела маънидод гардиданаш мумкин аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ба таври ҷудо истиқомат намудани волидон, ҷои истиқомати кӯдакон дар асоси созишномаи байни параду модар, дар мавриди набудани чунин созиш, бо дастрасии қ.3 моддаи 66 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳалномаи судӣ муайян карда мешавад [3].

КО Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди муайян намудани ҷои истиқомати кӯдак ҳангоми ба таври ҷудо зиндагӣ намудани падару модарон ба инобат гирифтани чунин ҳолатҳоро муайян менамояд: майлу рағбати бештари кӯдак ба падар ё модар, мавҷудияти бародару ҳоҳар, синну соли кӯдак, хислатҳои фардӣ, ахлоқии падару модар, муносибати мавҷудаи ҳар яке аз волидон бо кӯдак, имконияти фароҳам овардани шароит барои тарбия ва ташаккули ҷисмониву рӯҳии кӯдак ва ғайра.

Таҷрибаи судии ташаккулёфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати омилҳои барои муайян намудани ҷои истиқомати кӯдакон дар мавриди ба таври ҷудо зиндагӣ намудани падару модар таъсиррасон, инчунин ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ кашида нашудани яке падар ва модар, ҳолати дар қайди муассисаи равонпизишкӣ ва ё дар дармонгоҳи наркологӣ дар қайд қарор нагирифтани волидон ва ғ. баромад менамояд [2].

Таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳукуқии мамлакатҳои узви ИА имконият медиҳад хулоса намоем, ки ҳангоми муайян намудани категорияи «манфиати бештар муфиди кӯдак» инҳоро дар бар мегирад: таъмини ҳимояи бехатарии руҳӣ ва ҷисмонии кӯдак, талаботи кӯдак ба рушди устувор вобаста ба синну сол, тарбияи забонӣ, фарҳангӣ, динӣ ва маънавии кӯдак ва ғ.

Дар кишварҳои узви ИА дар мавриди қабули қарор доир ба тарбияи кӯдакон, суд инчунин ҳолатҳои зеринро ба инобат мегирад: ҷаҳонбинӣ ва таҳаввулоти волидон дар бораи олам, ҷамъият ва ғ., қобилияти доир ба масъалаи тарбияи кӯдак ҳамкорӣ намудани падару модарон.

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак як чанд маротиба ишора намудааст, ки ҳамагуна маънидод кардани истилоҳи «манфиатҳои бештар муфиди кӯдакон» бояд бо нишондоди Муоҳидаи СММ «Дар бораи ҳуқуқи кӯдакон» аз соли 1989 мувофиқат намояд.

Дар мавриди муайян намудани ақидаи кӯдакон мақомоти маъмуриву давлатӣ хусусияти ҳар як ҳолати алоҳидаро санҷида, талаботи ҳар як кӯдакро бояд ба назар гирад, аз ҷумла:

- ҳамагуна таманниёти кӯдак, бо назардошти синну соли вай баён гардида;
- хусусияти муносибати кӯдакон бо ҳар як падару модар дар алоҳидагӣ;
- мушкилоти вокеие, ки ҳангоми амалишавии ҳуқуқи кӯдак ба муоширaт сар мезанад ва ғ.

Қонунгузории миллии мамлакатҳои узви ИА муайян менамояд, ки кӯдакон ҳуқуқ ба муносибати шахсӣ ва робитаи бевосита бо ҳар ду волидон, ҳатто дар мавриди дар кишварҳои гуногун истиқомат кардани онҳоро доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли таҷрибаи судии кишварҳои ИА мавқеи судяҳо доир ба масъалаи муайян намудани ҷои истиқомати кӯдакон ҳангоми ҷудо истиқомат кардани падару модарон тағйир ёфта истодааст. Судяҳо асосан бар муқобили нигоҳҳои бар баробарии ҳендерӣ асос ёфта мавқеъ гирифта, таваҷҷӯҳи бештарро дар мадди аввал ба манфиатҳои кӯдакон равона намуда истодаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омори расмии бо кадом аз волидон суд кӯдаконро нигоҳ медорад вуҷуд надорад.

Гарчанде қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи афзалиятнокро барои тарбияи фарзанд ба падар ё модар муайян накардааст, лекин ба ин нигоҳ накарда афкори ҷамъиятие ташаккул ёфтааст, ки танҳо 5 – 6 % баҳси падару модар оид ба ҷои истиқомати фарзанд бо баровардани ҳалнома бар фоидаи падар хотима ёфтааст. Лекин ҳам судяҳо, ҳам муҳаққиқони соҳа тамоюли тағйир ёфтани афкори ҷамъиятӣ, аз байн рафтани нигоҳи табъизомези ҳуқуқи мард дар вақти баррасии судии чунин баҳсҳоро ишора менамоянд. Ҳамин тариқ, алҳол дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №16 аз 02 октябри соли 2003 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста ба тарбияи фарзанд» омадааст, ки баҳсҳо вобаста ба тарбияи фарзанд масъалаи муайян кардани ҷои истикомати кӯдакон дар сурати ҷудо зиндагӣ кардани волидайнро дар бар мегирад. Инчунин гуфта мешавад, ки солҳои охир тамоюли бо назардошти манфиати фарзанд муайян кардани ҷои истиқомати онҳо ҳангоми бекор шудани ақди никоҳи волидайн байни судҳо пазируфта шуда истодааст [2]. Чунин хулосаи Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили таҷрибаи судҳои зинаҳои поёнӣ ба миён омадааст.

Дар асоси таҳлили маводҳои илмӣ хулоса кардан лозим аст, ки қабули ҳалнома нисбати падарон бинобар нишонаи ҷинсӣ хусусияти табъизомез дошта ҳангоми ба амалбарории ҳуқуқҳои падару модарӣ, бевосита ҳуқуқ ва манфиати ҳам волидон ва ҳам кӯдакро халалдор мешавад. Ҷомеа ва ҳам давлат дар ҳалли масъалаи муайян намудани ҷои истиқомати кӯдак ҳангоми ҷудо шудани волидон бо назардошти пеш аз ҳама манфиати кӯдак ва умуман тақдири минбаъдаи вай бояд ҳавасманд бошанд.

***Пайнавишт:***

1. *Ерохина Е. В. Определение места жительства ребенка при разводе по европейскому и российскому праву // Международно-правовые аспекты семейного права и защита прав детей: проблемы межотраслевого взаимодействия семейного и иных отраслей частного и публичного права в области семейных отношений и прав детей: международные (универсальные, региональные) и национальные институты. Монография / Под.ред. к.ю.н. А.Е. Тарасовой. – М.: Инфа-М, 2018. – 371с.*
2. *Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №16 аз 02 октябри соли 2003 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста ба тарбияи фарзанд» – Сомонаи расмии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. www. Sudioli.tj (давраи муроҷиат: 12 марти соли 2021).*
3. *Моддаи 55 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 303; с. 2006, № 4, мод. 196; с. 2008, № 3, мод. 201; с.*

*2010, № 7, мод. 546; с. 2011, № 3, мод. 177, № 12, мод. 855; с. 2013, № 3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод. 143, №11, мод. 881; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1395.*

4. *Скакун О.С. Актуальные вопросы реализации международных договоров Российской Федерации в сфере защиты прав ребенка: дисс… канд.юрид.наук. 12.00.10 / О.С. Скакун. – М.: 2013. – 241 с.*
5. *Тагаева С.Н. Проблемы коллизионного регулирования ответственности членов семьи, возникающих за нарушение обязанностей, возложенных нормами законодательства [Текст] / С.Н. Тагаева / в сборнике: Проблемы правоприменения в прошлом, настоящем и будущем цивилизации: Сборник статей Международной научно-практической конференции: в 2-х частях. – Душанбе, С.176 -180.*
6. *Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Воситаи таълимӣ // Муҳ. масъул: н.и.ҳ. дотсент Раҷабов М.Н. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 346 с.*

***Reference Literature:***

1. *Erokhina Ye. V. Determination of Child`s Place of Residence because of Parents` Divorce according to European and Russian Laws // International-Legal Aspects of Family Law and Children`s Rights Advocacy: Problems of Interaction between Realms Including Family Realm and other Ones Referring to Private and Public Law in the Field of Family Relations and Children`s Rights: International (Universal, Regional) and National Institutions. Monograph / Under the editorship of the candidate of juridical sciences Tarasova A.Ye. - M.: Infa-M, 2018. – 371 pp.*
2. *Resolution of Supreme Court Plenum of Tajikistan Republic, № 16 from October 2, 2003, "On the Experience of Using Legislation on the Part of Judges under Consideration of Arguments Related to Upbringing of Children" - Official site of Tajikistan Republic Supreme Court. www. Sudioli.tj (Accessed March 12, 2021).*
3. *Article 55 of Tajikistan Republic Family Code // Bulletin of Tajikistan Republic Majlisi Oli, 1998, No. 22, article 303; 2006, No. 4, article 196; 2008, No. 3, article 201; 2010, No. 7, article 546; 2011, No. 3, article 177, No. 12, article 855; 2013, No. 3, article 195; 2015, No. 11, article 960; 2016, No. 3, article 143, No. 11, article 881; Law of the Republic of Tajikistan dated February 24, 2017, No. 1395.*
4. *Skakun O.S. Actual Issues of Implementation of International Agreements of Russian Federation in the Sphere of Child`s Rights Protection. Candidate dissertation in jurisprudence. 12.00.10 / O.S. Skakun. - M., 2013. - 241 pp.*
5. *Tagayeva S.N. The Problems of Collisional Regulation of Responsibility of Family Members Coming to Surface due to Violation of Obligations Imposed by Legislation Norms [Text] / S.N. Tagayeva / In the collection of works: The Problems of Law Enforcement in Past, Present and Future. Collection of Articles of International Scientifico-Practical Conference: in two parts. - Dushanbe, - pp. 176 - 180.*
6. *Private Law between Nations. Manual // Editor-in-charge: Radjabov M.N., candidate of juridical sciences, Associate Professor. - Dushanbe: Er-Graph, 2918. – 346 pp.*